# МАЪРИФАТИ ХУКУКИИ ШАХРВАНДОН ОМИЛИ МУХИМИ ВАХДАТУ ЯГОНАГӢ

Зери мафхуми маърифати хукукӣ, ин доштани дониши хукукӣ ва фарханги хукукӣ фахмида мешавад. Аз давраи кадим халкӣ точик дорои фарханг, урфу одат ва маърифати баланди ахлокӣ ва хукукиро доро мебошанд. Дар Паёми худ ба Мачлиси Олӣ Президенти Чумхурии Точикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон иброз доштанд, ки бахшида ба 30-солагии кабули Конститутсияи Чумхурии Точикистон соли 2024 соли маърифати хукукӣ эълон карда шавад. Пешвои миллат, махтарам Эмомалӣ Рахмон дастур доданд, ки тамоми сохтори макомоти давлатӣ, аз чумла макомоти хифзи хукук бояд хамаи захираю имкониятхоро чихати таъмини тартибот ва волоияти конун дар соли 2024, ки 30- солагии кабули Конститутсияи Чумхурии Точикистон тачлил мегардад ва минбаъда сафарбар намоянд. Зеро аввалин Конститутсияи Точикистони сохибистиклол, ки заминаи эъмори давлати мустакили миллӣ ва пешравии тамоми чанбахои хаёти мардуми мамлакатро фарохам овардааст, яке аз дастовардхои мухимтарини мо мебошад. Бо кабули Конститутсияи давлати сохибистиклоламон имрӯз сулху оромӣ, вахдату ягонагӣ, волоияти конун, тартиботи хукукӣ хукумрон аст.

Дар моддаи 42 Конститутсияи Чумхурии Точикистон чунин омадааст: "Дар Точикистон хар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва конунхоро риоя кунад, хукук, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эхтиром намояд. Надонистани конун чавобгариро истисно намекунад".

Инсон шаъну шарафи хешро танхо ба василаи конунхои мавчуда ва дигар санадхои меъёрӣ метавонад хифз намояд. Ин меъёри конститутсионӣ моро боз хам водор месозад, ки дар самти риояи конунхои чории чумхурӣ пешоханг бошем. Дар Конститутсияи Чумхурии Точикистон вазифа хукук ва ӯхдадорихои шахрвандон муаян карда шудааст.

Дар робита ба ин Конститутсяи Чумхурии Точикистон ба мо имкон дод, ки пояхои устувори чомеа ва давлат созмон ёбанд, сулху оромӣ, суботи сиёсӣ ва вахдати миллӣ тахким бахшида шаванд, рушди устувори иктисодӣ таъмин гардад, барои хар як шахрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона мухайё сохта шавад.

Мусалам аст, ки рушди бонизоми хаёти сиёсӣ, иктисодӣ, ичтимоӣ ва фархангии чомеаро бе мавчудияти тартиботи чамъиятӣ дар дохили давлат тасаввур намудан гайри имкон аст. Дар баробари ин барои расидан ба ин хадафи олӣ эчоду тахия ва кабули санадхои хукукии сарнавиштсозу адолатпарварро ба рох монда дар заминаи он бо роххои гуногуну максаднок маърифати хукукӣ ва шуури хукукии чомеаро бояд боло бурд.

**Давоми солхои сохибистиклолӣ вобаста ба рушди маърифати хукукии шахрвандон аз тарафи давлат чунин тадбирхо анчом дода шудааст:**

**-Кабули Конститутсияи Чумхурии Точикистон, конунхои конститутсионӣ, кодексхо ва г айрахо;**

**-Кабули Консепсияхо ва Барномахои давлатӣ вобаста ба ислохоти хукукӣ;**

**- Паёмхои Президенти Чумхурии Точикистон;**

**-Ташкили конференсияхои байналмилали ва чумхуриявӣ вобаста ба баланд бардоштани маърифати хукукии шахрвандон гузаронида шудааст;**

**-Аз чониби Пешвои миллат, соли 2024 эълон шудани соли маърифати хукукӣ;**

Риояи ва эхтироми конунхои Точикистон бо он муайян мешавад, ки, конунхо санади макоми олии намояндагӣ ва конунгузори Чумхурии Точикисон Мачлиси Олӣ мебошанд, ки дар натичаи амалӣ гаштани шакли олии бевоситаи хокимияти халк-интихобот ташкил мешавад. Дар ин замина конунхо нисбат ба санадхои меъёрии хукукии зериконунӣ эътибори баланди хукукӣ доранд.

Вазифаи тарбияи хукукӣ донистани хукук ва вазифахои мукарраршуда ва риояи онхо мебошад. Риояи конститутсия, конунхо, хукуку озодихо ва шаъну шарафи дигаронро эхтиром намудан, хифзи Ватан, химояи манфиатхои давлат, тахкими истиклолият,

амният ва иктидори мудофиавии он, хифзи табиат, ёдгорихои таърихиву фарханг̣ӣ, супоридани андозхо ва пардохтхо ва гайра сатхи маърифат ва ахлоки шахрвандро баланд намуда, мавкеи чамъиятии ӯро устувор мегардонанд.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар китоби худ "Истиклолияти Точикистон ва эхёи миллат" кайд менамояд, ки Конститутсияи Чумхурии Точикистон инсон, хукук ва озодихои ӯро арзиши олӣ эътироф намуда, риоя ва хифзи онхоро кафолат медихад.

Хамин аст, ки дар таърихи навини халки точик ба шарофати сиёсати хирадмандонаву фарханг̣парваронаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон баробари ташаккулу тахаввул ёфтани давлатдории миллӣ, эхёи дубораи арзишхои таърихиву фархангии миллати куханбунёду тамаддунофарамон, ки яке аз пурарзиштарин дастовардхои даврони сохибистиклолӣ махсуб мегардад ва дар даврони истиклолияти кишвари азизамон низоми хукукии миллӣ мархила ба мархила дар холати рушд карор дорад. Дар ин даврахо чандин санадхои меъёрӣ-хукуки аз кабули Конститутсия, конунхои конститутсиони, конунхо, кодексхо ва дигар санадхои зерконунӣ кабул шудаанд, ки барои хифзи хукуку озодихои инсон ва шахрванд, таъмини амнияти давлат хифзи арзишхои миллӣ хизмат менамоянд.

Бояд тазакур дод, ки соли 1994 хангоми тахияи матни Конститутсияи навини Чумхурии Точикистон масъалаи "давлати дунявӣ" бори дигар дар маркази таваччух карор гирифта, хамчун яке аз мухимтарин аслхои давлатдории муосири точикон ба матни Конститутсияи нави Чумхурии Точикистон ворид карда шуд.

Хамин тавр низоми хукуки кишвар падидаи васеъ ва фарох буда, дар худ манбаъхои хукукэчодкунӣ, сарчашмахои хукукӣ, раванди хукуктатбиккунӣ ва хатто сатхи шуури хукукию маданияти хукукиро фаро мерирад.

АБДУСАЛОМЗОДА МАЛОХАТ АБДУСАТТОР

– муовини раиси нохияи Зафаробод